**ТАСДИҚ МЕКУНАМ**
Ректори Донишгоҳи (Славяни)
Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои физика математика,
профессор Хочазода Т.А.
«____»______________ соли 2020

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи «Инъикоси масъалахои мухочирати мехнати дар матбуоти даврии Точикистон" (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015), ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Сайфиддинова Гулчехра Азимовна аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ хеле мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик бахшида шудааст. Мавриди зикр аст, ки доир ба мавзӯи баррасишуда дар илми журналистикаи точик аҳқиқоти диссертатсионӣ ба анҷом расида бошад ҳам, он дар мисоли рӯзномаҳои русзабон сурат гирифтааст. Нашрияҳои даврии тоҷикӣ аз мадди назари илм дур монда буданд. Аз ин лиҳоз рӯ овардани диссертант ба ин мавзӯъ талаби илми муосир буда, аз аҳамият холӣ нест. Дар ин зимн зарурати дарки ҳаматарафаи усулҳои фарогирии масъала дар матбуоти даврӣ, дараҷаи таъсири васоити ахбори омма ба ҷараёни муҳоҷират ва ба василаи расонаҳо ошкор сохтани масъалаҳои баҳсноку дардноки он муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро асоснок мегардонад. Ба ин муносибат, таҳқиқи қиёсии инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар рӯзномаҳои расмии «Ҷумҳурият» ва хусусии «Озодагон» низ ба муҳим будани мавзӯъ таъкид мекунад.

Аз ин ҷиҳат, муҳоҷират имрӯз омили муҳимми ҷараёни ҷаҳонгароӣ буда, фавҷи он, ки аз як давлат ба давлати дигар ҳаракат мекунад, яке аз омилҳои асосии гуногунрангии ҷаҳон ва қисмат шудани он ба давлатҳои пешрафта ва ақибмонда мебошад.

Ба ин тартиб, муҳоҷират барои ҷомеаи рӯзноманигорӣ низ яке аз ангезаҳои таъсиргузор буда, ҳаводиси рӯзмарраи вобаста ба ин воқеият, ҳамчунин ташаккули технологии ВАО шароитеро ба вуҷуд овардааст, ки ҳар матолиби он, дар ҷараёни иттилооти байналмилалӣ ҳушдоре бошад. Ин ва дигар омилҳо далолат ба он мекунанд, ки интихоби мавзӯи «Инъикоси масъалахои мухочирати мехнати дар матбуоти даврии Точикистон" (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015), барои таҳқиқи диссертатсионӣ айни замон буда, барои илму амали журналистикаи тоҷик аз ҳар ҷиҳат муҳимму аҳаммиятнок аст.

Тавре ишора шуд, ба масъалаи мухочират ва инъикоси он дар матбуоти даврӣ дар илми журналистикаи Аврупову Россия таваҷҷуҳ хеле зиёд аст ва дар ин самт корҳои зиёди пажӯҳишиву таълимӣ низ ба анҷом расидаанд. Дар пайравӣ ба инҳо дар муҳити илмӣ ва таълимии донишгоҳҳои олии Тоҷикистон низ мақола ва васоити таълимӣ таълиф ва интишор гардидаанд, ки осори Р. Ульмасов ва Е. Петрушковаро метавон аз намунаи чунин нигоштаҳо номид. Муаллиф аз ин осор хуб воқиф аст, балки аз онҳо бамаврид истифода намуда, кӯшидааст, ки масъалаи мазкурро вусъат бахшад ва омӯзиши онро дар шакли пажӯҳиши диссертатсионӣ ба анҷом расонад.

Натиҷаҳои таҳлилу баррасиҳои баанҷомрасида имкон медиҳанд, ки дар бораи масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва нишон додани хусусиятҳои хоси инъикоси ин масъала дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон», муайян намудани вижагиҳои мундариҷавӣ ва шаклии маводи чопшуда, нақши жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ маълумоти нисбатан пурраеро ҳосил намоем.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро илман маърифат намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ омӯзиш ва баррасии мавзӯъро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёту манбаъ ба шакл даровардааст, ки комилан дуруст аст.

Дар муқаддима тибқи муқаррарот аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он баррасӣ шудааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, методология ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариву амалии диссертатсия ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шуда, татбиқи кор тавсиф гардидааст.

Диссертант мавзӯи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба риштаи таҳлил кашидааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузоштташуда ва дар маҷмӯъ ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат намудааст. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро фаро гирифта, ба ҳам дар алоқамандии мантиқӣ қарор доранд. Ҳар боб шомили ду фасл аст.

Боби аввали диссертатсия «Баъзе ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст.

Дар фасли аввали ин боб «Омилҳои иҷтимоии пайдоиши муҳоҷират» диссертант дар заминаи адабиёти назариявӣ ва илмии соҳа моҳияти муҳоҷирати иҷбории намояндагони касбу кори гуногунро ба кишвари дигар тасдиқ мекунанд. Дар ин фасл диссертант заминаҳои таърихӣ ва сиёсиву иҷтимоии пайдоиши муҳоҷират ва моҳияти ин равандро муайян кардааст. Омӯзишҳои диссертант нишон медиҳанд, ки дар марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи иртиботи оммавӣ раванди муҳоҷирати мехнати дар сатҳи гуногун вуҷуд доштаанд.

Унвонҷӯ бо таҳлилу баррасиҳои илмӣ омилҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон ба дигар минтақаҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ, фурӯпошии сохтори иқтисодии кишвар, хусусигардонӣ, афзоиши бекорӣ, зиёдшавии

шумори аҳолӣ, афзудани талаботи моддӣ ва маънавии мардум ва ғайраро дар рисола баррасӣ менамояд. Ӯ дуруст қайд менамояд, ки муҳоҷират аз замонҳои қадим ҳамсафари доимии тоҷикон буда, дар шаклҳои гуногун зоҳир шудааст, ки маъмултарини он «муҳоҷирати тиҷоратӣ, мардикорӣ, кӯчбандӣ, таълимӣ (бо ҳадафи таҳсил дар бузургтарин мадориси олами ислом), зиёрати хонаи Худо ва ғайра будааст».

Фасли дуюми ин боб «Ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими муҳоҷират» номида шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ паҳлуҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатиро муфассал таҳқиқ ва таҳлил кардааст. Афзалияти ин фасл дар он аст, ки муаллиф дар асоси таҳлили қиёсӣ исбот кардааст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ барои бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, дар солҳои навадуми садаи гузашта, ҳодисаи ғайричашмдошт, ногаҳонӣ ва танзимнашудаи соҳаи сиёсати ҷамъиятиву давлатӣ буд. Баъд аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ҷанги шаҳрвандиву нооромиҳои сиёсии то соли 1997 идома ёфта, ҷараёни муҳоҷират ва танзими ҳуқуқии он аз назари идораҳои давлатӣ дур афтод.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» номида шудааст, инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии муҳоҷирон дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

Масъалаи баҳси фасли аввали ин равиши фарогирӣ ва инъикоси воқеаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ин нашрия» ташкил медиҳад.

Из пажӯҳишҳои уновончӯ бармеояд, ки нашрияи «Ҷумҳурият» дар инъикоси мавзӯъҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, пеш аз ҳама, ба қонунҳо ва усулҳои касбии рӯзоманигорӣ такя карда, ҷараёни таҳия ва нашри маводро «аз рӯйи раванди ташаккулёбии санадҳои зиндагии ҷории ҷомеа» муайян мекунанд. Дар ин замина ин рӯзнома дар нашри мавод ва усули инъикоси дақиқ ва таъсиргузории фаврӣ содиқ будааст, ки гувоҳи тамоюли касбии нашрия низ мебошад.

Др баробари ин диссертант хусусиятҳои асосии маводи дар ин мавзӯъ чопкардаи нашрияи «Ҷумҳурият»-ро арзёбӣ карда гуногунии санадҳо, арзёбиҳо ва андешаҳоеро муайян мекунад, ки фарогири иттилоот барои ислоҳи вазъ мебошанд. Ин гуна маводро рӯзнома бо истифода аз усули иртиботию маърифатӣ чоп кардааст, ки гоҳо дар худ меъёрҳо, симоҳо, мавод ва ҷузъиёти воқеаҳоро фаро мегиранд ва ба ин васила хонандаро дар роҳи интихоб ва андеша мустақил мегузоранд.

Дар фасли дуюми боби мазкур – «Инъикоси мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон дар ҳафтаномаи «Озодагон» мавзӯъ ва масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва тарзи инъикоси он дар ҳафтаномаи «Озодагон» мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ҳафтаномаи «Озодагон» замоне таъсис ёфт, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ва мушкилоти он барои тоҷикон авҷ гирифта, дар баробари таъсири

мусбат ба раванди зиндагии мардум, ҳамчунин фоҷеаҳое низ ба дунбол доштааст. Ин нашрия дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирон ва мусоидат намудан ба пайдо намудани роҳҳои ҳалли онҳо саҳми арзанда доштааст.

Дар боби сеюм, ки низ шомили ду фасл аст, масъалаҳои тарзи таҳия, усулҳои интихоби жанрҳо ва корбасти онҳо таҳқиқ ва таҳлил шудааст.

Дар фасли якуми ин боб – «Инъикоси воқеияти марбут ба муҳоҷират дар қолаби жанрҳои ахборӣ» усули истифодаи жанрҳои хабарӣ дар инъикос ва таҳияи воқеиятҳои раванди муҳоҷират ва вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ таҳқиқ ва баррасӣ шуда, хусусияти сохтории жанрҳои ахборӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» мушаххас шудааст.

Дар инъикоси воқеаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳо таносуби комили мундариҷаю шакл ва аломатҳои жанрсоз, аз ҷумла вусъатнокии инъикоси воқеаҳои ҷараёни муҳоҷират, дараҷа ва миқёси хулосабарориву умумиятдиҳиҳо, корбасти воситаҳои услубӣ (услуби иттилоотӣ, тавсифи образноки воқеият, ҳаҷв, таъриз ва ғайра) ба таври боварибахш риоят шудааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм диққати унвонҷӯро хусусиятҳои жанрии маводи таҳлилии нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» ба худ кашидааст.

Унвонҷӯ нақши рӯзномаҳои мавриди таҳқиқро дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷират ба таври муфассал таҳқиқ намуда ба натиҷае мерасад, ки онҳо бо зикр ё инъикоси факту воқеиятҳо маҳдуд нашуда, барои вазъиятро баҳогузорӣ кардан ва назари худро баён намудан аз имконоти жанрҳои таҳлилӣ ҳадафмандона истифода кардаанд. Аз таҳлили муқоисавии маводи марбут ба жанрҳои таҳлилии ҳарду нашрия ӯ ба хулосае омадааст, ки воқеатҳо ва таҳлилу арзёбии онҳо унсури асосии жанрсоз ва бавуҷудорандаи сохтори жанриву мавзӯии матолиб будааст, ки аз назари шаклу мундариҷа низ миёни ҳам таносуби пурра доранд.

Ҳамин тавр, мавзӯи мавриди таҳқиқ ва масъалаҳои ба миён гузоштаи унвонҷӯ илмиву мантиқӣ буда, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, ки бо бобу фаслҳои кори илмӣ сахт алоқаманданд, мушахас ва аниқ ба шакл даровардa шудааст.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзӯъ бо низоми муайяни илмӣ ва мантиқи диалектикӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули муҳочирати мехнатиро дар матбуоти даврии муосир илман муайян кардааст.

Таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмиву амалӣ дорад. Он дар илми журналистикаи тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии тоҷик бахшида шудааст.

Муҳтавои дисертатсия то ҷойе донишҳои назариявӣ ва амалии соҳаи рӯзноманигориро афзуда, дар ташаккули маърифати илмӣ ва амалии

муҳаққиқони соҳа таъсири гузошта метавонад. Маводи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи рӯзноманигорӣ ва тадриси фанҳои журналистикаи муосири точик, иртиботи оммавӣ, робита бо ҷомеа истифода кард.

Ҳамин тавр, мазмуни диссертатсия ва услуби таълифи кор моро яқин месозад, ки муаллифи он Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовнаро ҳамчун соҳиби қобилияти хуби дарки пажӯҳиш, дорои нерӯи мустақилонаи таҳқиқоти илмӣ, шеваи хоси баҳсу муҳокима ва ҷасорати дифоъ намудани мавқеи худ арзёбӣ намоем. Ӯ кори илмии комплектиро иҷро кардааст. Нукоти ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти навгонӣ дошта, дар заминаи матни диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки дар пажӯҳишҳои оянда ба инобат гирифтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Камбудиҳои ошкоргардида чунинанд:

1. Дар фасли аввали боби якуми дисертатсия муаллиф дар такя ба адабиёти илмиву таълимӣ масъалаҳои назариявии масъалаҳои мухочирати мехнатиро дар матбуоти даври мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки мантиқан дуруст аст, аммо дар рафти таҳлили паҳлуҳои гуногуни ин масъала ӯ то андозае тобеи пажӯҳишҳои дигарон шуда, муносибати худро ба мавзӯи таҳқиқ чандон равшан баён намекунад.
2. Хуб аст, ки дар фасли аввали боби дуюм диссертант маводи марбут ба муҳоҷирати меҳнатиро, ки нашрияи «Ҷумҳурият» ба табъ расоидааст тасниф намуда, ба масъалаҳои иҷтимоӣ; меъёриву ҳуқуқӣ; фарҳангӣ; байналмилалӣ; ҷиноӣ ва ғайра ҷудо мекунад. Аммо дар таҳлилҳои минбаъда низоми ин таснифот ба инобат гирифта нашудааст, ки ба омехта гардидани баррасиҳо оварда расонидааст.
3. Дар боби сеюм, ки масъалаи имконоти корбасти жанрҳои публитсистика дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷиртаи меҳнатӣ таҳлилу баррасӣ шудааст, ба ҳунари нигорандагии муаллифон ва ҷанбаҳои сохтории жанрҳои алоҳида камтар таваҷҷуҳ шудааст.
4. Агар унвонҷу ба фаъолияти марказҳои муҳочирати мехнатӣ дар самти омӯзиши воситаҳои ахбори омма таваҷҷуҳи махсус (дар фасли алоҳида) менамуд, ҳусни илмии кор боз ҳам меафзуд.
5. Дар фасли дуюми боби якуми автореферат хатои техникӣ рох додааст. Ибораи фасли дуюми боби ду мебоист фасли дуюми боби якум мешуд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии дисертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст.

Диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна «Инъикоси масъалахои мухочирати мехнати дар матбуоти даврии Точикистон” (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015) таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Вай бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои

диссертатсионӣ ва тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманиорӣ сазовор аст.

Тақриз аз ҷониби профессори кафедраи кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR Ш.Муллоев омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR, журналистикаи ватанӣ ва байнахалқӣ, телевизион ва радио-и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2020, протоколи № 4 музокира ва тасдиқ карда шудааст.

Иштирок доштанд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-16, зид-0, бетараф-0.

**Раиси ҷаласа,**
**доктори илмҳои филология,**
**профессор** **Муллоев Шариф Бокиевич**

**Котиби ҷаласа, ассисенти кафедра** **Мадибаева Камилла**

**Эксперт, номзади илмҳои**
**филология, дотсент** **Ашурова Дилобар**

**Имзоҳои Муллоев Ш.Б.,**
**Мадибаева К., Ашурова Д.-ро**
**тасдик мекунам:**

**Сардори идораи кадри**
**Донишгоҳи (Славянӣ)**
**Россия ва Тоҷикистон** **Давлатов Х.Х**

___ ___ соли 2020

**Суроғаи муассиса**
**734035,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.**
**Душанбе, к. М.Турсунзода, 30.**
**Тел.: (+9937) 221-31-50 htt/rtsu-1996 @mail.ru**
**u2rtsu@rember.ru.**
**Факс: (+99 37)221-05-70; 227 77 53**